# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 дар назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг)

**Парвандаи аттестатсионии № _____**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 11.10.2025, №36.3**

Барои сазовор донистани Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг)

Диссертатсия дар мавзуи «Ташаккул ва такмили стратегияи маркетингии корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) ба ҳимоя 02 августи соли 2025 қабул карда шудааст, протоколи № 36.2 шурои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1), ки бо фармоиши Раиси КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 августи соли 2025, № 289/шд таъсис ёфтааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич, санаи таваллуд 10 декабри соли 1995, соли 2017 МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» -ро бо баҳои хуб хатм намудааст. Солҳои 2017-2019 шуъбаи магистратураи донишкадаи мазкурро бо муваффақият хатм карда, худи ҳамон сол ба ҳайси ассистенти кафедраи молия ва қарз ба кор қабул карда шудааст. Аз соли 2024 то ҳол дар кафедраи молшиносӣ ва фаъолияти гумрукии МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» кор мекунад. Ҳамзамон унвонҷӯи кафедраи менеҷмент ва маркетинги МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ -** Газибеков Садриддин Арслонбекович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд».

**Муқарризони расмӣ:**

Бойматов Алиҷон Азизович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

Худоёров Шаҳриёр Худоёқулович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети иқтисодиёт ва идоракунӣ, кафедраи менеҷмент ва маркетинг

Дар хулосаи мусбат додашудаи муассиса, ки аз тарафи раиси маҷлис – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Содиқов Қ.А., котиби маҷлис – номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калон Зоирӣ Т., ташхисгар – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сарабекова И.З. ба имзо расонида, аз ҷониби ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, қайд шудааст, ки кори диссертатсионӣ таҳқиқоти мустақилона ва бааанҷомрасида буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) мувофиқат мекунад ва муаллифи он Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи кори диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст.

**Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:**

1. Юсупов Ғ.Ғ. Мавқеи истифодаи техналогияҳои муосири таҳқиқоти маркетингӣ дар самти амалигардонидани ҳадафҳои стратегии рушди корхонаҳо [Матн] / Ғ.Ғ. Юсупов, Б.Б. Раҳматов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Илмҳои иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва соҳаи иҷтимоӣ – Душанбе, 2024. - №1 (51) – С.273-279 (ISSN 2308-054X);
2. Юсупов Ғ.Ғ. Таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон дар ташкили фаъолияти маркетингии корхона [Матн] / Ғ.Ғ. Юсупов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Илмҳои иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва соҳаи иҷтимоӣ – Душанбе, 2023. - №1 (45) – С. 123- 128 (ISSN 2308-054X);
3. Юсупов Ғ.Ғ. Таҳаввулот ва баъзе аз нуқтаҳои назариявии дурнамои маркетингии корхона [Матн] / Ғ.Ғ. Юсупов // Ахбори академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои иқтисодӣ. – Душанбе. 2023. - №3 – С. 102-107 (ISSN 2077-4974).

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид гардиданд:**

1. Қодирзода Хуршед Қодир – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илмӣ Донишгоҳи давлатии Данғара бо эроди зерин: Камбудиҳо бештар бо таҳрири на он қадар саҳеҳи матни автореферат вобаста буда, дар баъзе қитъаҳои матн дониста гирифтани мазмуни марказии он

мушкил мегардад.

2. Саидов Мустафохон Каримович – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, и.в., мудири кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишкадаи кӯҳию металургии Тоҷикистон бо эроди зерин Дар автореферат ба самтҳои маркетинги рақамӣ ва тиҷорати электронӣ, ки дар шароити муосири рушди иқтисоди рақамӣ аҳамияти афзоянда доранд, таваҷҷӯҳи хоса дода нашудааст.

3. Сатторова Манзурахон Раҳмоновна – номзади илҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров бо эродҳои зерин Барои таҳлили пурратар ва муассири вазъияти саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хуб мебуд, ки муаллиф монеаҳое, ки ба рушди саноат таъсири манфӣ мерасонанд, дар таҳқиқоташ ҷудогона зикр мекард ва онҳоро бо стратегияи маркетингӣ шарҳ медод. Ин тавр, таҳлил на танҳо вазъи ҷорӣ, балки роҳҳои эҳтимолии бартарафсозии ин монеаҳо тавассути василаҳои маркетингиро низ дар бар мегирифт.

4. Аминҷонова Муҳиба Муҳаммаднасимовна – номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в., дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти муҳандисӣ ва менеҷменти Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ бо эроди зерин: Дар тавсияҳои амалӣ бештар ба саноати коркард такя шудааст, дар ҳоле ки соҳаҳои дигари муҳими саноатӣ (энергетика, саноати сохтмон) камтар мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

5. Исмоилова Гулнора Файзуллаевна - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи технологияҳои иттилоотии Тошканд ба номи Муҳаммад ал – Хоразмӣ бо эроди зерин Мавриди зикр аст, ки дар автореферат ба масъалаҳои рушди коммуникатсияҳои маркетингӣ ва брендинг таваҷҷуҳи кофӣ дода нашудааст. Дар ҳамин ҳол, маҳз ин самтҳо дар шароити муосири рақобати афзоянда ва рақамисозӣ аҳамияти махсусро ба худ касб мекунанд, онҳо ба ташаккули робитаҳои дарозмуддат бо истеъмолкунандагон, боло бурдани шинохтпазирии ширкатҳо ва таҳкими мавқеи бозории онҳо мусоидат менамоянд. Баррасии амиқтари механизмҳои сохтани стратегияҳои муассири коммуникатсионӣ ва ташаккули брендҳо метавонанд натиҷаҳои пешниҳодшударо пурра намоянд ва ба тадқиқот арзиши амалӣ ва илмии бештар бахшад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок карда шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он мудаллал карда шудааст, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети иқтисодиёт ва идоракунӣ, кафедраи менеҷмент ва маркетинг оид ба самти илмии дахлдор дастовардҳои

назаррас дорад ва қодир аст, мутобиқати муҳтавои диссертатсияро ба ихтисос ва соҳаи илм муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад,** ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:

***- коркард карда шуд:*** муқарроротҳои илмӣ оид ба ташаккул ва таъмини самаранокии фаъолияти маркетингӣ дар корхонаҳои ватанӣ, аз он ҷумла: арзёбии ваъзи бозор, рафтори истеъмолкунандагон, сифатнокии маҳсулот, самаранокии иқтисодии ҳам фурӯш ва ҳам бақияи маҳсулотҳо дар корхона; таҳияи нақшаҳои хароҷоти маркетингӣ, пайдарҳамии тадбирҳои мушаххас оид ба пешбурди моли истеҳсолкунанда ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ; интихоби усули стратегияи маркетингӣ; таҳқиқи таъсири омилҳои дохила ва беруна; амалӣ намудани чораҳо оид ба ташаккули бренди корхона ва ғайра;

***- ақида пешниҳод шудааст,*** ки таҳияи оптималии стратегияи маркетингӣ ва тадбиқи самаранокии он дар фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои ватанӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо, афзоиши фоида, мустаҳкам намудани мавқеи истеҳсолкунанда дар бозор мусоидат менамояд.

***- исбот шудааст,*** ки фаъолияти маркетингии ширкат заминаи асосӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ, тавлиди ғояҳо, банақшагирӣ ва идоракунии истеҳсолот мебошад, ки дар нишондодҳои самаранокии такрористеҳсолот инъикос меёбад. Муқаррар гардидааст, ки дар таъмини рушди ММД солҳои охир соҳаи саноат дар ҳолати пешравӣ мебошад. Дар маҳсулнокии меҳнат мавқеи пешсафро саноати коркард, пас аз он саноати нассоҷӣ, дӯзандагӣ ва истихроҷ дорад, ки дар коркарди стратегияи маркетингӣ имкониятҳои васеъ доранд. Муайян гардидааст, ки дар саноати истеҳсоли маҳсулоти хӯрока маҳсулнокии меҳнат баланд буда, дар дигар соҳаҳо ин ҳолат нигаронкунанда аст, ки дар коркарди стратегияи маркетингӣ душвориҳо эҷод менамояд. Корхонаҳои саноати нассоҷӣ, дӯзандагӣ, кимиё бояд фаъолияти худро бо коркарди стратегияи маркетингӣ пурзӯр намоянд.

***- ворид намудани*** тағйирот ба мафҳуми таҳқиқот дар асоси низобандии консепсияҳои муосири маркетингӣ, ки тибқи он «Стратегияи маркетингӣ – ин раванди хеле мураккаби таҳлилӣ, ки таҳияи эҷодию банақшагирии дарозмуддати ҳадафҳо, маҳсулот, хароҷот, нархгузорӣ, сифати маҳсулот, таҳқиқ ва арзёбии вазъи бозор, сегментатсияи он, муносибат бо рақибон ва муҳити берунаро дар бар гирифта, ба афзоиши фоида, мустаҳкам намудани мавқеи бозорӣ ва таъмини рақобатпазирии корхонаҳо нигаронида шудааст»;

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст,** ки:

***- исбот намудани*** консепсияҳои илмӣ оид ба арзёбии стратегияи маркетингӣ, ки ҳадафи асосиаш таъмини рақобатнокии корхонаҳо ва ҷаззобияти соҳаро дар бар мегирад. Асоснок гардидааст, ки дар ин самт ду гуруҳи нишондиҳандаҳо баррасӣ ҳоҳад гардид: якум: ҳиссаи нисбӣ дар бозор,

шабакаҳои тақсимоти молҳо, технологияи истеҳсолӣ, таҷҳизот ва макони ҷойгиршавӣ, самаранокии истеҳсолот ва сифати мол, захираҳои истеҳсолӣ, иқтидори илмӣ-таҳқиқотӣ, ҳамчунин сатҳи хизматрасонии пас аз фурӯш шомил мешаванд. Дуввум: сатҳи рушди соҳа, меъёри фоида, аҳаммияти бренд, рақибон, монеаҳои воридшавӣ ба бозор, сатҳи истифодабарии иқтидорҳои соҳа, имконияти иваз намудани маҳсулот, имиджи соҳа дар ҷомеа ворид мешаванд;

- ***истифода бурдани*** маҷмуи услубҳои илмӣ-амал, аз ҷумла методи диалектикии шинохту равиши низомӣ, таҳлили муқоисавӣ, абстрактию мантиқӣ, тамоилӣ, оморӣ, математикию иқтисодӣ, ҳисобӣ-конструктивӣ, ва мушоҳидаҳои шахсии муаллиф, пурсиши мутахассисон ва мониторинги талаботи истеъмолгарон.

- ***баён шудани*** консепсияи муосири идоракунии маркетингӣ, бахусус консепсияҳои марбут ба такмили ҷараёни истеҳсолот, баланд бардоштани сифати молу маҳсулот, шиддатбахшии фаъолияти тиҷоратӣ, инчунин равишҳои маркетинги маҷмуӣ ва маркетинги иҷтимоӣ-ахлоқӣ, усулҳои гуногуни арзёбии амалишавии стратегияи маркетингӣ ва истифодабарии он дар иқтисодиёти ватанӣ.

- **ошкор гардидани** мавқеи корхонаҳои ватанӣ дар бозорҳои муайян дар асоси арзёбӣ тибқи меъёри «суръати рушд / ҳисса дар бозор», ки тибқи он дар бозори истеҳсоли гӯшти мурғ мавқеи пешсаф, яъни ишораи «Ситора»-ро ҶДММ «Мармарӣ»-и ноҳияи Шоҳмансур, ҶДММ «Фабрикаи мурғпарварии Беҳамто»-и ноҳияи Ёвон; дар бозори орд ҶДММ «Хубҷамъ Инвест»-и шаҳри Бӯстон, дар бозори нахи пахта ҶДММ «Инсоф»-и ноҳияи Ҳамадонӣ, ҶДММ «Рахшона»-и ноҳияи Ашт, ҶДММ «Юсуф-Саркор» доранд. Корхонаҳое, ки суръати сусти рушд ва ҳиссаи хурд дар бозор дорад, муайян гардидааст, ки онҳо фаъолияти худро дар самти маркетинг бояд пурзӯр намоянд, зеро хавфи муфлисшавии онҳо зиёд аст.

- ***омӯхта шудани*** таҷрибаи хориҷӣ ва дар асоси он ҷанбаҳои қабули амалиёти маркетингии онҳо ба иқтисодиёти ватанӣ муайян гардидааст. Алалхусус, аз таҷрибаи корхонаҳои амрикоӣ: банизомдарорӣ, интихоби усули конвейерӣ; модели дисконтӣ дар фурӯш, хизматрасонии пас аз фурӯш. Аз таҷрибаи ширкатҳои Аврупоӣ: мавҷудияти шуъбаҳои махсуси маркетингӣ, раванди баҳогузорӣ ва ташкили гурӯҳҳои мустақили коршиносони бозор. Аз тарибаи ширкатҳои Ҷопонӣ: ташкили фазои корӣ ва амалӣ кардани системаи истеҳсолии бенуқсон; модели менеҷменти сифат ба усули ҷопонӣ; ҳамкории мутақобилан судманд байни соҳаи саноат ва ҳокимияти давлатӣ; консепсияи маркетингии равона ба талаботи истеъмолкунандагон ба назар мерасад;

***аз нав такмил додани*** низоми ташаккулёбии фаъолияти маркетингӣ дар корхонаҳои ватанӣ аз рӯи арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшаванда, воридшавӣ ба бозор, идора намудани нарх муҳим аст. Инчунин омӯзиши

хусусиятҳои бозор, арзёбии иқтидори бозор, ҳиссаи корхона дар бозор, таҳлили тамоилҳои фаъолияти соҳибкорӣ, дараҷаи қаноатманд шудани бозор бо хизматрасонӣ ва ё маҳсулот, ҷорӣ намудани маҳсулоти нав.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** ба тариқи зайл тасдиқ карда мешавад:

***ҷорӣ карда шуданд:*** натиҷаҳои муҳимми таҳқиқот аз ҷониби Раёсати минтақавии рушди иқтисод ва савдои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар ҷараёни таҳия ва ҷорӣ намудани стратегияҳо ва барномаҳои миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд истифода мегардад (маълумотнома дар бораи татбиқ таҳти № 4/13-430 аз 13.03.2024). Баъзе муқаррароти илмии кори таҳқиқотӣ дар ҷараёни таълими фанҳои маркетинг, фаъолияти тиҷоратӣ, иқтисодиёти корхонаҳо, стратегияи маркетингӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисос истифода бурда мешавад (маълумотномаи МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд» №206 аз 11.03.2024);

***муайян карда шуд*:** амалишавии стратегияи маркетингӣ, ки ҷараёнест мураккаб ва фарогир. Дар таҳлили самаранокии он усулҳои гуногун, махсусан усулҳои миқдорӣ ва матритсавӣ, таҳлили «рушд/ҳисса», таҳлили «афзалияти бозор/мавқеи ширкат» ва таҳлили «марҳилаҳои сикли ҳаётии соҳа» истифода шудаанд. Асоснок гардидааст, ки дар иқтисодиёти ватанӣ бештар истифодабарии усули миқдорӣ ва матрисавии «рушд/ҳисса» имконпазир аст..

***муаррифӣ карда шуд,*** ки дар ҷумҳурӣ арзиши аслии маҳсулоти ангиштсанг, намаки ош, қувваи барқе, ки неругоҳҳои обӣ истеҳсол менамоянд, барои баланд бардоштани самараи фаъолияти маркетингӣ афзалият дорад. Баръакс, дар истеҳсоли гӯшт, орд, биринҷ чунин имкониятҳо мавҷуд нест. Дар байни соҳаҳои саноати ҷумҳурӣ, аз руи бақияи маҳсулот саноати нассоҷӣ, чарм ва маҳсулотҳои чармӣ, молҳои резинӣ ва пластикӣ, металлургӣ, саноати дӯзандагӣ, зиёданд. Дар оянда онҳо ба масъалаи ташкили фаъолияти маркетингие, ки ҳадафи асосиаш дарёфти истеъмолкунандагон мебошад, бояд таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назария*** дар асоси муқаррароти назариявии консепсияҳои идоракунии маркетингӣ дар корхонаҳои ватанӣ, асосҳои илмии коркарди стратегияи маркетингӣ дар раванди хоҷагидории субъектҳои иқтисодӣ, ки барои мустаҳкам намудани рақобатнокии онҳо мусоидат мекунад, зоҳир мегардад. Инчунин бо тавассути истифодабарии услуби интегралӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва таҳияи амсилаи иқтисодию математикӣ дар диссертатсия тасдиқ мешавад;

- ***гояи*** тадқиқот ба муқарорротҳои барномаҳои давлатӣ, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси миллӣ, Барномаи саноатикунонии босуръат, стратегия ва консепсияҳои рушди соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон , маълумотҳои омори расмӣ ва захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» ***асоснок шудааст;***

- ***муайян шудааст:*** амсилаи иқтисодӣ-математикӣ оид ба таъсири фишангҳои маркетингӣ, вобаста ба натиҷаи нигаронии афзоиши ҳаҷми гардиши молҳои чакана. Моҳияти амсила – таҳқиқи фаъолияти маркетингӣ буда, вобаста аз вазъи савдои тиҷоратӣ, фурӯш дар бозори номуташаккил, даромаднокии аҳолӣ, миқдори шуғли аҳолӣ дар соҳаи савдо дар иқтисодиёт мебошад. Исбот гардидааст, ки зиёдшавии миқдори мутахассисони соҳаи савдо хусусияти ҳалкунандаи таъсиррасониро дорад;

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар интихоби мавзуъ, ҷамъоварии мавод, тартиб додани нақшаи диссертатсия, иҷрои он, гузаронидани пурсиш, коркарди маводи таҳқиқот, баромад ва маърузаҳо дар семинарҳои илмӣ-назариявӣ, конференсияҳои илмӣ-амалии байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва нашри мақолаҳо;

- аз рӯйи мавзуи кори диссертатсионӣ интишори 9 мақола бо ҳаҷми умумии 3,7 ҷ.ч., аз ҷумла 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар маҷлис аз 11 октябри соли 2025 шурои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзоён 8 нафар докторони илм (1 нафар бо тариқи маҷозӣ) ва 1 нафар номзади илм, инчунин оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 4 нафар докторони илм иштирок доштанд. Аз 9 нафар иштирокдорони маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор 9 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** **Ризозода Т.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**н.и.и, дотсент** **Саиджонов С.Ш.**

*11 октябри соли 2025*